«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э. С.
_______________
«___» апрели соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **Шодиматова Малика Каримбердиевна «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Шодиматова Малика Каримбердиевна** соли 1986 факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносовро хатм кардааст.

**Шодиматова Малика Каримбердиевна** тибқи фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои идома додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (барои ба анҷом расонидани рисолаи номзадӣ) ба сифати унвонҷӯи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба гурӯҳи буҷавӣ қабул шудааст (фармоиш барои қабул №79-05 аз 26.11.2004) ва онро дар таърихи 12.12.2014 (фармоиши №475-05) хатм кардааст. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи забони тоҷикии МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Шодиматова Малика Каримбердиевна мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино”, доктори илмҳои филологӣ **Низомӣ Санавбар Фахрӣ** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои илмии факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04.07.2003, қарори №10 тасдиқ шудааст. Диссертант Шодиматова Малика Каримбердиевна имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «хуб» (22-юми декабри соли 2023), таърих ва фалсафаи илм бо баҳои «хуб» (29-уми июни соли 2024) ва аз рӯйи ихтисос – забони тоҷикӣ бо баҳои «аъло» (21-уми ноябри соли 2024) супорида, дар ин бора Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ӯ 29-уми ноябри соли 2024, таҳти №144 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:** Дар замони муосир мавзуъҳои тиб ва табобат ба масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёт табдил ёфтаанд. Яке аз манбаъҳои ташаккули истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ фаъолияти воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, матбуоти даврӣ ба шумор меравад. Маводҳои тиббии рӯзномаю маҷаллаҳоро навъҳои гуногуни бемори, пешгирӣ ва табобати онҳо, роҳу воситаҳои табобат, асбобу таҷҳизотҳои тиббӣ, ҷараёни бемориҳо, аломатҳои беморӣ, номи ихтисосҳо ва масъалаҳои дигари тиб ва табобат ташкил медиҳанд. Дар фазои ВАО-и ҷумҳурӣ имрӯз на танҳо зиёд гардидани таҳияи маводҳои тиббӣ ба назар мерасанд, балки солҳои охир дар қатори нашрияҳои дигар, яъне нашрияҳои соҳавии тиббӣ ба фаъолият оғоз намуданд, ки ҳамаи ин, албатта, ба ташаккули истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ ва муҳимтар аз ҳама, барои баланд бардоштани маърифатнокии тиббии аҳолӣ мусоидат намуд. Чандин нашрияҳои соҳавии тиббиро номбар кардан мумкин аст, ки дар фазои иттилоотии кишварамон мавқеи мустаҳкам пайдо намуда, на танҳо дар тарғиби масъалаҳои тиббу табобат ва баланд бардоштани маърифатнокии тиббии аҳолӣ саҳмгузор мебошанд, балки тули чандин соли фаъолияташон ин рӯзномаю маҷаллаҳо бо таҳия ва нашри маводҳои тиббӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ нақши муҳим доранд.

Бо дарназардошти чунин матлаб Шодиматова Малика зарурати муайян намудани роҳу воситаҳои истилоҳсозии тиббӣ дар забони тоҷикӣ, ташаккул ва таҳаввулоти сохтории истилоҳоти ин бахшро дар забони точикӣ, муайян намудани хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот, таҳлил ва баррасии истилоҳоти тиббиро аз ҷиҳати мавзуъ максади таҳқиқоти худ карор додааст. Дар асоси таҳлили маводҳои фаровони воситаҳои ахбори омма ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти тиббии забони матбуот, хусусиятҳои этимологии онҳо асоснок карда шудаанд. Ба сифати объекти таҳқиқ интихоб намудани хусусиятҳои луғавӣ – маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии забони матбуоти тоҷикро  Шодиматова Малика ба он вобаста медонад, ки дар замони муосир бо сабаби пешрафти илму техника ва инъикоси навгониҳо забони воситаҳои ахбори омма ба тағйиротҳои зиёде дучор гаштаанд ва ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни истилоҳоти илмӣ, бахусус истилоҳоти тиббии забони матбуот зарурате пеш омадааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба “Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад**. Илова бар ин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни истилоҳоти илмӣ, бахусус истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ, истилоҳшиносӣ ва тарчумаи истилоҳоти илмӣ метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба таври муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани хусусиятҳои гуногуни истифодаи истилоҳоти тиббии забони матбуоти тоҷикро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан

ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- омӯзиши адабиёти назариявӣ доир ба услуби публитсистӣ, вижагиҳои истилоҳоти илмӣ-техникӣ, бахусус истилоҳоти тиббӣ ва мавқеи корбурди он дар васоити ахбори омма;

- муайян намудани роҳу воситаҳои истилоҳсозии тиббӣ дар забони тоҷикӣ, ташаккул ва таҳаввулоти сохтории истилоҳоти ин бахш дар забони тоҷикӣ;

- ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии умумии истилоҳоти тиббӣ, яъне калимаю ибораҳои мансуб ба масъалаҳои тиб ва табобат ва махсусиятҳои истифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ ва маводҳои тиббии услуби публитсистӣ;

- муайян намудани роҳу воситаҳо ва усулҳои асосии итилоҳсозии тиббӣ ва нақши он дар ташаккул ва таҳаввули забони тоҷикӣ ;

- муайян намудани хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот.

-таҳлил ва баррасии истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати мавзуъ.

Ба сифати мавод ё сарчашмаҳои таҳқиқ маводҳои рӯзномаву маҷаллаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, нашрияҳои соҳавии тиббӣ, фарҳангҳои соҳавии тиббӣ ва луғатҳои дигар истифода шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ва осори пажуҳишии марбут ба услуби публитсистӣ истифода намудааст.

Асосҳои назарӣ ва методологии рисоларо асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили В.В. Винокур, В.В. Виноградов, Д.С. Лотте, Б.Н. Головин, А.А. Реформатский, Л.С. Пейсиков, С.В. Гринев, В.П. Даниленко, Т.Л. Канделаки, Л.А. Капанадзе, В.М. Лейчик, А.В. Суперанская, М.Н. Қосимова, Д.

Саймиддинов, М. Шукуров, С. Назарзода, П. Нуров, М.Ҳ. Султон, А. Юсупов ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур дар самти таҳлили истилоҳоти тиббии забони воситаҳои ахбори омма пажуҳиши аввалин буда, қаблан таҳлили истилоҳоти тиббӣ бо назардошти хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии забони матбуот мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Таҳлили маводҳои фаровон барои муайян кардани роҳу воситаҳои калимасозӣ ва семантикаи ташаккули истилоҳоти тиббӣ, омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳоти бахши тиб мусоидат намуданд. Дар ҷараёни таълифи рисола хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ ва қолабҳои асосии калимасозии давраи қадим ва баъзе воситаҳои калимасозии имрӯза муайян карда шуданд.

Дар рисолаи мазкур дар заминаи таъсири истилоҳоти тоҷикӣ, арабӣ ва русӣ-аврупоӣ пайдо шудани истилоҳоти тиббӣ ва таҳаввули лексикаи соҳавии ин бахш, сабабҳои онҳо муайян карда шуданд.

Диссертатсияи номзадии Шодиматова Малика Каримбердиевна аз чанд ҷиҳат аҳаммияти махсус дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки вобаста ба хусусиятҳои сохторӣ ва лексикӣ меъёрҳои таснифи истилоҳоти тиббӣ аз рӯйи таносуби мавзуӣ муқаррар карда шудаанд. Таҳлили муқоисавии сохтори истилоҳоти тиббӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба муайян намудани роҳу воситаҳои самараноки истилоҳоти илмӣ мусоидат менамояд, натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ барои муайян кардани роҳҳои иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар, мавқеи унсурҳои бегона дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ёрӣ мерасонад. Инчунин таҳқиқи истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ оид ба роҳҳои истилоҳсозии тиббӣ дар забони тоҷикӣ, табдили вожаҳои муқаррарии забон ба истилоҳ, зарурати дар чанд соҳа корбаст гардидани ин ё он навъи истилоҳ маълумот медиҳад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия боз аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд ҳамчун замина ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти илмӣ истифода шаванд, маводҳои ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума мусоидат намуда, бахусус ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавии тиббӣ, муҳовараҳои дузабонаи тиббӣ маводи муҳим мебошанд. Натиҷаҳои илмии рисоларо барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ истифода бурдан мумкин аст, инчунин маводҳои таҳқиқот барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба назария ва амалияи тарҷума барои тайёр намудани мутахассисони бахши тарҷумонӣ ва рӯзноманигорони соҳавии бахши тиб аҳамияти зиёд дорад ва хулосаҳои илмии таҳқиқот барои дарки дурусти истилоҳот, бартараф намудани баъзе ғалатҳои истифодаи истилоҳоти тиббӣ ва ислоҳи тарҷумаҳои носаҳеҳ имконият медиҳад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар 11 мақолаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. 3 ма[illegible]олаи дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Шодиматова, М.К. Юсупов, А.И. Паҳлуҳои лингвистии истилоҳ [Матн] / М.К. Шодиматова, А.И. Юсупов // Авҷи Зуҳал. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 165-171.

[2-М]. Шодиматова, М.К. Таърихи тибби форсу тоҷик ва ташаккули истилоҳоти илмӣ дар замони муосир [Матн] / М.К. Шодиматова // Ахбори

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – № 2 (271). – С. 325-330.
[3-М]. Шодиматова, М.К. Корбурди истилоҳоти тиббии арабӣ дар забони матбуот [Матн] / М.К. Шодиматова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 2. – С. 75-81.
**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**
[4-М]. Шодиматова, М.К. Саҳми устод Айнӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ [Матн] / М.К. Шодиматова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илми тиб дар асри XXI – назар ба оянда» бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021) (Душанбе: ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, 29.11.2019). – Душанбе, 2019. – С. 444-445.
[5-М]. Шодиматова, М.К. Доир ба тарҷумаи истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти муосири тоҷик [Матн] / М.К. Шодиматова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» ба муносибати 85-солагии профессор Баҳриддин Камолиддинов (Душанбе: ДМТ, 22-23.10.2020). – Душанбе, 2020. – С. 162-165.
[6-М]. Шодиматова, М.К. Истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ ва рушди он дар замони муосир [Матн] / М.К. Шодиматова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии (III-солона) МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Данғара: ДДТХ, 16.12.2022). – Данғара, 2022. – С. 488-489.
[7-М]. Шодиматова, М.К. Истилоҳоти тиббӣ ва баъзе хусусиятҳои он дар осори бадеӣ [Матн] / М.К. Шодиматова // Маводи 71-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Инноватсия дар тиб – аз илм ба

амалия» (Душанбе: ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, 01.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 724-726.

[8-М] Шодиматова, М.К. Забони матбуот ва ташаккули истилоҳоти тиббӣ дар замони муосир [Матн] / М.К. Шодиматова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе: ДМТ, 07.05.2024) – Душанбе, 2024. – С. 93-100.

[9-М] Шодиматова, М.К. Меъёри забони адабӣ ва забони баъзе нашрияҳои даврӣ [Матн] / М.К. Шодиматова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Услубшиносӣ ва медиалингвистика: проблема ва дурнамо» (Душанбе: ДМТ, 07.05.2024). – Душанбе, 2024.– С. 157-163.

[10-М] Шодиматова, М.К. Доир ба баъзе хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик [Матн] / М.К. Шодиматова // Забон ва Истиқлол. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2024.– С. 366-374.

[11-М]. Шодиматова, М.К. Забоншиносони тоҷик ва таҳқиқи истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ [Матн] / М.К. Шодиматова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (V-солона) дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами тиб ва маълумоти олии тиббӣ» (Данғара: ДДТХ, 29.11.2024). – Данғара, 2024. – С. 651-652.

Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии забони матбуот барои рушди минбаъдаи илми забоншиносии тоҷик мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** дар самтҳои дигар, аз ҷумла, истилоҳшиносӣ, назария ва амалияи тарҷумаи истилоҳоти илмӣ, таҷрибаи амалии рӯзноманигорони соҳавӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои

асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Шодиматова Малика Каримбердиевнаро дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид. Иштирок дошт: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 8 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест, қарори № 9 аз 07.04.2025

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи услубшиносӣ
ва таҳрири адабӣ, дотсент,
номзади илмҳои филологӣ Сафаров Ҳ.О.

**Котиби илмӣ:**
номзади илми филология Исмоилова Ш.Ҷ.

Имзоҳои Ҳ.О. Сафаров
ва Ш.Ҷ. Исмоиловаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37)221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj